Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович доир ба мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Мавзӯи интихобнамудаи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар шароити имрӯза воқеан муҳим буда, ба таҳлили амиқ ниёз дорад. Айни замон дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон, бахши саноат, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ истифодаи нерӯи барқ аҳамияти хоса дорад. Аз ин лиҳоз муаллифи диссертатсия таҳқиқоти худро бо назардошти зарурияти иқтисодию иҷтимоӣ анҷом додааст.

Диссертатсия аз 3 боб ва 7 зербоб иборат аст. Дар боби аввал нерӯи барқ ҳамчун ашё ва объекти ҳуқуқи гражданӣ ва сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии таъмини нерӯи барқ таҳлил гаштааст. Дар боби дуюум масоили мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ, хусусан тарафҳо, шартҳо, тартиби бастан ва мазмуни шартномаи таъмини нерӯи барқ таҳлил гардидааст. Дар боби сеюм бошад муаллиф ба масъалаи ҷавобгарии тарафҳо дар доираи муносибатҳои шартномавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, асосҳо, шартҳо ва шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқии гражданиро дар ин самт баррасӣ намудааст.

Хулосаҳои баровардаи муаллиф доир ба танзими шартномавии таъмини барқ қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошад. Пешниҳоду хулосаҳои ба ҳимоя пешкашшаванда, хусусан пешниҳоду хулосаҳои №1, 6, 7 ва 8 қобили дастгирӣ мебошанд.

Дар маҷмуъ хулосаю пешниҳодҳои илмии муаллиф асоснок ва қобили дастгирӣ мебошанд ва метавонанд, ки дар оянда барои рушди илми ватанӣ саҳмгузор бошанд. Таҳқиқоти анҷомшуда на танҳо аҳамияти илмӣ, балки аҳамияти амалӣ низ дорад, дар он хулосаҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи татбиқи он пешниҳод гаштаанд (масалан, пешниҳоди №9, с. 12-13).

Мирзоев С.А. доир ба мавзӯи илмии анҷомшуда 23 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки онҳо мазмун ва муҳтавои тадқиқоти анҷомшударо ифода менамоянд. Дар таҳқиқот услуб ва истилоҳоти илмию касбӣ бо таври густурда истифода гардидаанд.

Ҳамчун эрод ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки муаллиф ба ҳайси аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масоили таъминкунӣ бо нерӯи барқ танҳо Низомнома дар бораи муносибатҳои байни нерӯгоҳҳои барқӣ, зерсохторҳо ва шабакаҳои тақсимотӣ бо истеъмолкунандагони нерӯи барқ аз 27 декабри соли 1929-ро номбар мекунад (с.14), ҳол он ки муаллиф имкон дошт дар автореферати диссертатсия дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии солҳои аввали таъсиси Тоҷикистони шӯравиро нишон диҳад.

Қобили зикр аст, ки ҳолати зикршуда танҳо таманниёт буда, мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти илмиро коста намегардонад. Ҳамин тавр, рисолаи таҳиянамудаи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯи талаботҳои дахлдор буда, таҳқиқоти бaанҷомрасида ва нави илмӣ ба ҳисоб меравад.

Рисолаи зикршуда аз рӯи аҳамият ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин дигар қисматҳои кори илмӣ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли

2016, тахти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент** **Самадов Б. О.**

Суроға: 735700, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н. б.1.
Тел: (992 3422) 2-38-11; (+992) 92 773 05 67
Веб сайт: http://tsulbp.tj;
Е-майл: tsulbp@rambler.tj, bakhtiyor_77@mail.ru

**“Имзои Самадов Б.О.-ро тасдиқ менамоям”.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И. Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС